# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи “Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар ташаккули низоми андози мамлакат вобастагии такмили механизми маъмурикунонии андоз бо дарназардошти хусусиятҳои андозбандӣ муҳим мебошад. Зеро маъмурикунонии андоз дар сатҳи низоми андоз таркиби асосии идоракунӣ буда, фаъолияти мақомоти андозро дар самти таъмини назорати риояи қонунгузории андоз, танзими андоз, маҷмӯи тадбирҳои таъсиррасонии ғайримустақими давлат ба иқтисодиёт муқаррар менамояд.

Такмили маъмурикунонии андоз яке аз афзалиятҳои сиёсати андозбандӣ дар кишвар буда, мақомоти андоз андешидани тадбирҳои манфиатнокро бо роҳи ҷорӣ намудан ва тағйир додани усулҳои андозситонӣ муайян намуда, барои шароит фароҳам овардани шаффофияти воридоти андозҳо ва беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳо тавассути ҳаммоҳангсозии воситаҳои гуногуни молиявӣ, ҳуқуқӣ ва технологӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба хусусияти рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар раванди такмилёбии муносибатҳои бозорӣ, ҳамеша талабот ҷиҳати рушди фаъолияти мақомоти андоз ба миён меояд. Зеро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, равона гардидани захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ ба таъмин гардидани рақобатпазирии низоми миллии андоз дар ҳошияи низомҳои андози кишварҳои дигар дар назар дошта мешавад, ки он ба хусусияятҳои иқтисодию иҷтимоии ҳар як кишвар хос мебошад.

Зарурати такмили маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани самаранокии он дар шароити тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ҷорӣ ва истифодабарии технологияҳои муосири пешқадам, таъмини раванди вусъатёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути ба роҳ мондани низоми кортҳо ва ҳамёнҳои электронӣ, бештар намудани хизматрасониҳои электронии таъмини пардохти андозҳо, ислоҳотҳо дар низоми қонунгузории андоз, арзёбӣ ва пешгӯии тағйирёбии ҳолати низоми андози кишварро тақозо менамояд.

Дар автореферати диссертатсияи Исматов А.Ф. қайд карда шудааст, ки мубрамияти маъмурикунонии андоз дар мавзуи таҳқиқгардида, оид ба ҷорӣ намудани якчанд силсила татбиқи хизматрасониҳои электронӣ бо андозсупорандагон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст. Ҷорӣ гардидани расмиёти маъмурикунонии андоз ба расмиёти қонунгузории андоз асос меёбад, чунки ҳар як давлат маҷмӯи вазифаҳои

муайяннамудаи фаъолияти мақомоти андозро тибқи талаботҳои қонунгузории андоз маъмурӣ гардонида, бо ин восита механизми идоракунии низоми андозро мукаммал менамоянд. (с.10).

Саҳми дигари муаллиф дар асоснок намудани мафҳуми маъмурикунонии андоз – ин маҷмӯи тадбирҳои амаликунандаи мақомоти андоз буда, таъмини риояи қонунгузории андоз ва мунтазам таъмин намудани шаффофияти воридоти андозро баҳри нигоҳ доштани тавозуни молияи давлатӣ, ки бо дар назардошти пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ва вусъатдиҳии ҳамкориҳои фосилавӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мебошад (с. 11), инчунин ҷоннок гардонидани воситаҳои танзимикунандаи меъёрию ҳуқуқии андоз, инчунин раванди қабули қарорҳо ва барномаҳо бо мақсади рушди маъмурикунонии андоз мавриди коркард қарор дода шуд.

Методикаи ташкили самтҳои асосии кори таҳқиқотӣ, ин нишон додани самтҳои асосии механизми мукаммалсозии низоми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар доираи амалинамоии барномаҳои мушаххас ва беҳтар намудани хизматрасониҳои мақомоти андоз барои андозсупорандагон мебошад. Натиҷаҳои дар афтореферат таҳлилгардида, вобаста ба сатҳи омӯзиш ва муқоисаи кишварҳои хориҷӣ, ташкили механизми андоз, бақайдгирии андозсупорандагон дар мақомоти андоз, шумораи истифодабарии хизматрасониҳои электронӣ, таъмини иҷрои воридоти андоз ба буҷети давлатӣ, вазъи мушкилотҳо ва дурнамои натиҷаҳои омилии рушди маъмурикунонии андоз иборат мебошад.

Хулоса, мавзуи таҳқиқгардидаи диссертант вобаста ба шароити муосир муҳим арзёбӣ гардида, натиҷаҳои таҳқиқгардида ҷанбаҳои калидии рушди низоми маъмурикунонии андозро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва тавсияҳои амалишавандаро доир беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои мақомоти андоз ифода мекунад. Таҳқиқоти илмии муаллиф бо риояи тамоми талаботҳои иҷроиши он, ки дорои аҳамияти илмӣ мебошад, ба итмомрасида ҳисобида мешавад.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онро ҳамчун эрод бояд қайд намоем:

1. Муаллиф дар таҳқиқоти худ воситаҳои муайяни механизми маъмурикунонии андозро тавсиф намудааст, аммо барои соддатар ва равшантар возеҳ гардидани самаранокии маъмурикунонии андоз усулҳои мушаххас нишон дода нашудааст;

2. Мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, беҳтар мешуд, ки паҳлуҳои методии кор дар таҳқиқотҳои оянда васеъ карда шавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва васеъ шудани таҳқиқот оварда шуда, онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо ба мазмуни асосии рисолаи илмӣ монеа шуда наметавонанд. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

Дар маҷмуъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботҳои б. 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович сазовори гирифтани дараҷаи илмии дномзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва андози**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Бобоев Н.М.**

**Имзои н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва андоз Бобоев Н.М., - ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳои ва корҳои махсуси**
**МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Ҳусейнова З.С.**

**(Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои таълимии №2, ауд. 411, Тел: (+992) 92-804-16-16, E-mail: aspirant-2012@mail.ru)**

**Сана: 27 11 2024**